# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи «Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология.**

Автореферати рисолаи зикршуда ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми психология бахшида шуда, ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва амалии рушди психологияи илмию амалиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқ қарор медиҳад. Мавзуи интихобшуда мубрам ва аҳаммиятнок буда, ба талаботи муосири рушди илми психология, таҳқиқи таҷрибаи миллӣ ва муайян намудани самтҳои ояндадори рушди психологияи ватанӣ ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи таҳкиқот дар автореферат масъалаҳои ташаккул ва инкишофи психологияи илмӣ ва амалиро дар Тоҷикистон дар заминаи таҳлили системавӣ баррасӣ намуда, марҳилаҳои асосии рушди ин соҳаро муайян кардааст. Дар таҳқиқот омилҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва илмӣ, ки ба ташаккули мактаби психологияи ватанӣ таъсир расонидаанд, ба таври пайдарҳам таҳлил гардидаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон ҳамчун як низоми мукаммали илмӣ таҳлил шудааст. Муаллиф М.Р. Искандарзода тавонистааст робитаи байни рушди афкори

психологӣ, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва талаботи иҷтимоии ҷомеаро муайян намояд. Ҳамчунин, саҳми олимони тоҷик дар ташаккули илми психология ва нақши онҳо дар рушди равоншиносии миллӣ ба таври илмӣ асоснок карда шудааст.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани донишҳои илмӣ оид ба таърихи психологияи тоҷик, хусусиятҳои рушди он ва таҳияи заминаҳои назариявии таҳқиқоти минбаъда зоҳир мегардад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он аст, ки пешниҳодҳо ва хулосаҳои илмии муаллиф метавонанд барои такмили фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, марказҳои машваратии психологӣ ва таҳияи барномаҳои давлатии рушди хизматрасонии психологӣ дар Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Мазмуни автореферат пайдарҳам, мантиқӣ ва бо услуби илмӣ навишта шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳо ва сарчашмаҳои илмӣ асоснок гардидаанд.

Хулоса, мутобиқати барасмиятдарории автореферати диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи “Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба тартиб даровaрда шудааст ва муаллифи он

сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мебошад.

**Мукарриз:**

**Номзади илмхои психологӣ,**
**муаллими калони кафедраи**
**психологияи умумидонишгоҳи**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Абдулоева М.**

**Имзои М. Абдулоеваро тасдик мекунам:**
**Сардори раёсати кадрхо, коргузори махсус**
**ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Давлатов М.**

**Маълумот барои тамос. 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кулоб, кучаи Якуми Май, хонаи 581 Тел 918258921; E-mail: mehri-abdulloeva@mail. ru**

06.06.2026